«Тасдиқ менамоям» ри
Директо Марказ Зарипов
С.З. А7 - 2003~ г.

# НИЗОМНОМАИ
# Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавӣ

**Моддаи 1. Муқаррароти умумӣ**

Фармонҳои Президенты Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарор ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамин Оинномаро ба роҳбарӣ мегирад.
Марказ ба моликияти шахсие, ки аз тарафи Муассис ҷудо карда шудааст ва ё аз тарафи дигар корхонаю муассисаҳо дар асоси шартнома дода шудааст, ҳуқуқи

1. Марказ мақоми шахсии ҳуқуқии худро дорад. Марказ дорои амволи давлатӣ бо ҳуқуқи идоракунии фаврӣ, мувозинати мустақил, суратҳисоб дар бонкҳо, аз он ҷумла суратҳисоби асъори хориҷӣ, мӯҳри гирда, штамп, варақаи фирмавӣ ва реквизитҳои дигар мебошад.

1.1. Марказ дар фаъолияти худ қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон,

соҳибӣ карданро дорад. Моликияти Марказ ба қисмҳо тақсим карда намешавад, аз он ҷумла дар байни коргарони Марказ.

1.2. Номи расмии Марказ:
- бо забони давлатӣ - «Маркази ҷумҳуриявии таълимию клиникии тибби оилавй»;
- бо забони русй - «Республиканский учебно - клинический центр семейной медицины»;

1.3. Суроғаи ҳукукии Марказ: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи ба номи Мичурин, 8.
Марказ филиалҳои худро метавонад дар вилоятҳо ва ноҳияҳо ташкил намояд.

1.4.

## 2. Вазифаҳои асосии Марказ.

**Вазифаҳои асосии Марказ чунин аст:**

1.5. 2.1. Тадбиқ намудани барномаи тайёркунии омузгорҳо - ҳамшираҳои тибби дар соҳаи табобати оилавй барои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.2. Тадбиқ намудани барномаи аз нав тайёркунии духтурон ва ҳамшираҳои тибби ёрии аввалини тиббиго санитари бо ихтисоси духтури оилавй ва ҳамшираи тибби оилави барои Ҷумҳурии Тоҷикистон.

2.3. Тадбиқ намудани барномаи баланд бардоштани ихтисоси духтурони тибби оилави ва хамптираи тибби оилаии ---------------------------------

2.4. Тадбиқ барномаи тайёр намудани ҳамшираи тибби ва баланд бардоштани ихтисоси онҳо.

2.5. Ташкил расонидани ёрии аввалини тиббию санитарии сифатнок дар асоси консептсияи табобати тибби оилави ба ахоли.

## 3. Самтҳои асосии фаъолияти Марказ.

3.1. Фаъолияти таълими (педагоги)

3.2. Фаъолияти клиники.
3.3. Фаъолияти илми.
3.4. Фаъолияти ташкилию методи.

**Фаъолияти таълими (педагоги) Марказ самтҳои зерииро дар бар мегирад:**

3.1.1. Тайер намудани духтурон ва ҳамшираҳои тибби педагоги дар бахши табобати оилави тибқи барномаи аз тарафи Вазорати Маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқгардида.
3.1.2. Азнавтайёркунии духтурон ва ҳамшираҳои тибби оилави.
3.1.3. Иштирок дар тайёркунии меъёрҳо дар соҳаи табобати оилави.
3.1.4. Таҳия ва бо тартиби муқарраршуда ҷори намудани барномаҳои баланд бардоштани ихтисос дар соҳаи табобати оилави ва таълими пайвастаи мутахассисон дар соҳаи табобати оилавӣ\ омӯзғорон, дӯхтӯрони оилави ва ҳамшираҳои тибби оилави.
3.1.5. Иштирок дар таҳия ва такмили барномаҳои тайёрнамудан ва азнавтайёркунии мутахассисони соҳаи тибб.
3.1.6. Иштирок дар ташкил ва иҷро намудани аттестатсия ва аттестатсияи такрории омӯзгорон дар соҳаи табобати оилави, дӯхтӯрони оилави ва ҳамшираҳои тибби оилави.
3.1.7. Омӯзиш, таҳлил ва баҳо додани барномаҳои тайёркунии мутахассисон дар соҳаи табобати оилави (омӯзгорони табобати оилави, дӯхтӯрони оилави ва ҳамшираҳои тибби оилави).
3.1.8. Таҳия ва бо тартиб муқарраршуда иҷро намудани конференсҳо ва семинарҳо дар соҳаи табобати оилави ва нашри маводи онҳо.
3.1.9. Ҳамкори бо кафедраҳои тибби оилавии ДДТТ, ДТБКТТ, МКД ҳамчунин бо дигар кафедраҳои ҳамин муассисаҳои таълими ва бо дигар марказҳои ҷумҳурявии дахлдори Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти таълимию педагога, илмӣ ва клиникӣ.
3.1.10. Фаъолияти якҷоя дар доираи фароҳам сохтани шароити мусоид бахри иҷрои шартномаи муассиса ва иҷрои шартномаҳо бо мутахассисони хориҷи.

---

~~**Фаъолияти клиникии Марказтамтхои зерииро дар бар мегарад:**~~

3.2.1. Ташкил ва расонидани ёрии тиббию санитарии ибтидоии сифатнок дар асоси консепсияи табобати оилави ба аҳоли.

3.2.2. Расонидани хизмат ҷиҳати таквияти сиҳатманди, пешгирии касалиҳо, ташхис ва муоличаи бемориҳои гурӯҳи аҳолии махсус.
3.2.3. Пешгирии ибтидои, такрори ва давомнок\ маҷмуи чорабинихо ҷиҳати нигоҳ доштан ва таквияти саломати ва пешгирии бемориҳо.
3.2.4. Омӯзиши холати беморон ва таълими санитарии минбаъдаи онҳо.
3.2.5. Сари вақт ошкор кардан, ташхис ва муоличаи беморон.
3.2.6. Сари вакт ичро кардани маслиҳату машваратҳои мутахассисони сахави, тавсияю пешниҳодоти муассисаҳои тиббии дахлдор барои гуруҳҳои алоҳидаи беморон.
3.2.7. Ташкили пайдарпаи мутақобили даркори, системаи фиристодани беморон аз ҷониби муассисаҳои тиббии махсусу дахлдор аз чумла беморхонаҳо.
3.2.8. Бо тартиби дар санадхои меъёрии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда иҷро намӯданӣ санҷиши корношоямии мувакcatии беморон.
3.2.9. Амали сохтани фаъолияти клиники дар асоси талаботи конунгузори ва дигар санадхои меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Фаъолияти илмии марказ самтхои зеринро дар бар мегирад:**

3.3.1. Дар фаъолияти ҳамарузаи илмии худ ҳамкори намудани бо дигар муассисаҳои илмии Ҷумҳури ва инчунин, бо ташкилотҳои байналмилали.
3.3.2. Бо тартиби мукараршуда чоп кардан ва интишори натичахои ба даст овардашуда.
3.3.3. Бо тартиби муқарраршуда таҳия ва гузарондани конфронсхо ва семинарҳо оид ба масъалаҳои табобати оилави.

**Фаъолияти ташкилию методии Марказ, самтхои зеринро дар бар мегирад:**

3.4.1. Таҳия ва ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход кардани меъёрхои сифати кори духтурони оилави ва ҳамшираҳои тибби оилави.
3.4.2. Тахия ва ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход кардани меъёрҳо ва механизмхои мониторинги фаъолияти табобати оилави ва иштирок намудан дар амали сохтани мониторинг.
3.4.3. Тахия ва ба Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниход кардани санадхои меъёрхои зарури ~~пил бя тябнбяти линави~~
3.4.4. Дар чорчубаи салохияти худ иҷро намудани хамкори бо ташкилотхои байналмилали, бо тартиби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мукарраршуда.

3.4.5. Пешниҳод сохтани накшаи кори ва гузаронидани чорабинихо дар боби омузиши доимии омузгорон (духтурон, хамширахои тибби), ҳамчунин духтурони тибби оилави ва ҳамшираҳои тибби оилави.

3.4.6. Дар асоси шартномаи иштирок дар таҳияи тестҳои ихтисоси барои гузаронидани аттестатсия\сертификация ва литсензия дихи\ духтурони оилави ва хамширахои тибби оилави.

## 4. Мақоми ҳуқуқи Марказ.

4.1. Бо тартиби муқараршуда дар барномахои сармоягузории ташкилотхои махалли ва байналмилали иштирок варзад.
4.2. Дар чочубаи салоҳияти худ ва бо тартиби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда фаъолияти иқтисодии хориҷи ин хешро амали намояд.
4.3. Дар чорчубаи салохияти худ бо ташкилотхои ғайридавлатии байналмилали ва махалли хамкори кунад.
4.4. Бо тартиби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда барои амали намудани фаъолияти худ қарзҳои бонки ва грантхои ташкилотхои байналмилали ва ташкилотхои дигарро гирад.
4.5. Бо тартиби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррашуда аз шахсони ҳуқуқи ва воқеи амволи ғайриманкул харида гирад.
4.6. Ба хайати ассотсиатсияхои дарояд ва аз хайати онхо барояд. Мутахассисони Марказ метавонанд аъзоён ва дар хайати рохбарии ассотсиятсияхои касбии тибби дар асоси қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон таъсис ёфта ворид шаванд.
4.7. Марказ метавонад базаи клиникйи тайёркунии магистрҳо, ординаторони клиникави дар сохаи табобатии оилави бошад.
4.8. Марказ дар чорчубаи маблағхои худ, низом, шакл ва микдори маоши кормандони худро мустакилона таъин мекунад.
4.9. Барои амали сохтани вазифаҳои худ Марказ метавонад бо тартиби дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда мутахассисони алохида аз ҷумла аз хоричи кишвар, ҷалб кунад.
4.10. Марказ метавонад фаъолияти тайёркунии омӯзгорон, духтурон ва хамширахои тибби аз кишвархои дигар дар сохаи табобати оилави, дар асоси шартномави иҷро намояд.ҷро намояд.
4.11. Марказ бо тартиби дар қонунгузории Ҷумхурии Тоҷикистон метавонад дорой ҳуқукҳои дигар бошад. ______________________
4.12. МаркаЗ аз руи ухдадориҳои худ бо хамаи маблагҳои молиявии худ ҷавобгар аст.
4.13. Духтурони дар Марказ фаъолияткунанда, ки ба фаъолияти табобати машгуланд. Метавонанд аз дорухои сахткунанда, нашъадор ва психотропи, ки бо тартиби санадхои меъёрхои Ҷумхурии

Тоҷикистон, фармонхо ва дастурамалхои Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршуда ба беморон таъин кунанд.

## 5. Манбаъҳои маблаггузории Марказ.

**Манбаъҳои маблаггузории Марказ аз чунин сарчашмахо иборатанд:**

5.1. Пардохтхои пули ва моддии Муассиса дар шакли маблағҷудокуниҳои буҷети.
5.2. Маблағҳои ташкилотҳои давлати ва ғайридавлати, шахсони алоҳида, ташкилотхои байналмилали барои ичро намудани фаъолияти барномави дар асоси шартномавӣ.
5.3. Маблағҳои аз фаъолияти сохибкори ва фаъолияти дигар, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нестанд.
5.4. Дигар манбаъхо, ки истифодаи онхо ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолиф нест.
5.5. Марказ ба мақомоти андоз ва моливии давлат мустақилона ҳисобот медиҳад.

## 6. Мақомоти роҳбарикунандаи Марказ

6.1. Мақомоти олии идоракунии Марказ Муассис мебошад;
6.2. Ба салоҳияти махсуси Муассис инҳо мансубанд:
- Тасдиқ кардани Низомномаи Марказ, ба он дохил намудани тағйироту иловаҳо;
- Ба вазифа таъин кардан ва аз вазифа озод намудани роҳбари Марказ;
- Муайян кардани самтҳои фаъолияти Марказ;
- Тасдиқ кардани ҳисобот ва баланси Марказ;
- Қабул намудани қарор дар бораи кушодани бахшҳо, корхонаҳо ва намояндагиҳои Марказ дар ҷумҳурӣ ва берун аз ҳудуди он;
- Таъин кардани комиссияи тафтишот;
- Назорат ба фаъолияти Марказ;
- Азнавташкилкунӣ ва барҳамдиҳии Марказ;

6.3. Идоракунии Марказро маъмурият ба амал мебарорад, ки ба он Директор, ки мақоми иҷроия мебошад, сардори менамояд.

---

6.4. Директор барои фаъолияти Марказ шахсан ҷавобгар буда, дар назди Муассис ҳисоботдиҳанда мебошад.
6.5. Директор Марказ масъалаҳоеро, ки бо кабул кардан ба кор, рухсатиҳои меҳнатӣ ва иловагӣ, аз кор озодкунӣ, ҳавасмандгардонӣ ва додани танбеҳи интизомӣ ба коркунони Марказ бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бастани шартномаҳо бо коллектив бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, бастани шартномаҳои (қарордодҳои) инфироди бо коркунони Марказ ва дигар масъалаҳои ба салоҳияти махсуси Муассис мансубнабуда алоқаманданд, мустақилона ҳал мекунад.
6.6. Директор муносибатҳои меҳнатиро бо коркунони Марказ мутобиқи

Кодекси меҳнат ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд.

6.7. Узви худидоракунии Марказ ҷамъомади коллективи меҳнатӣ ба ҳисоб меравад. Ба зиммаи ҷамъомади коллективи меҳнатӣ дохил мешавад:
- Мунтазам дида баромадани фаъолияти Марказ дар ин ё он давра бо қабул намудани қарорҳо баҳри беҳбудии он.
- Қабул намудани қоидаҳои дохилии тартиботи корӣ.
- Ҳалли бастани шартномаҳои меҳнатии коллектив бо маъмурият.

**7. Ҳисобот, ташкили баҳисобгири ва назорат**

7.1. Марказ дар назди Муассис ҳисоботдиҳанда мебошад.
7.2. Баҳисобгирӣ ва ҳисобот мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин аз рӯи намунаю шаклҳои тасдиқкардаи Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Муассис) пеш бурда мешавад.
7.3. Марказ фаъолияти воҳидҳои сохториеро назорат мекунад, ки ба ҳайати он дохил мешаванд.
7.4. Марказ бо тартиби муқарраршуда аз воҳидҳои сохтори ҳисоботӣ, оморӣ ва муҳосибавӣ мегирад ба дуруст пеш бурдани онҳо, сахеҳии баҳисобгирӣ ва ҳисобот назорат мекунад.
7.5. Марказ оид ба ҷорӣ намудани усулҳои нав ва пешқадами идоракунии иттилоотии фаъолияти худ ва фаъолияти бо амалияи оилавӣ алоқаманд, чорабиниҳо ба амал мебарорад.

**8. Азнавташкилкунй ва бархамдихии Марказ**

8.1. Азнавташкилкунй ва барҳамдиҳии Марказ бо қарори Муассис, инчунин дар мавридҳои пешбиникардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал бароварда мешавад.
8.2. ~~Ҳангоми аз ҷониби Муассис бархам дода шуданиМарказ кимиисияи~~ барҳамдиҳи барпо карда мешавад. Аз лаҳзаи таъин карда шудани Комиссияи бархамдиҳӣ тамоми ҳуқуқ ва ваколатҳои Марказ ба вай мегузаранд.
8.3. Тамоми маблағҳои пулии Марказ баъди ҳисобу китоб бо будет, кредиторҳо ва коллективи меҳнатӣ ба ихтиёрии пурраи Муассис дохил мегардад.

**9. Қабул ва тасдик кардами Низомномаи Марказ**

9.1. Ба Низомномаи Марказ, ворид намудани тағйироту иловаҳоро коллективи Марказ тасдик мекунад.
9.2. Тағйироту иловаҳо, ки ба Низомномаи Марказ дохил карда шудаанд, бо тартиби муқарраркардаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта мешаванд.